**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)**

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи “Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Рисолаи илмии Султонзода Б.С. ба таҳлили вазъи лашкардории аморати Бухоро дар солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX бахшида шудааст. Муҳимияти мавзуи рисолаи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки ин аввалан ин нахустин тадқиқоти муфассал дар мавзуи интихобгардида мебошад. Дар замони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хосе барои омӯзиши таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳои давраи пасини муносибатҳои феодалии Осиёи Миёна фароҳам омадааст. Бо дарназардошти зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик дар садаҳои миёна ва пасин мавзӯи лашкардорӣ, нақши лашкар дар умури сиёсӣ ва идории давлат ва мақоми он дар давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX аҳамияти хос пайдо мекунад.

**Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ** муаллиф маъхаз, адабиёти илмӣ, мақола ва бозҷустҳои марбут ба мавзӯи мавриди назарро ба чор гурӯҳ тақсим кардааст. Инҳо осори таърихнигорони маҳаллӣ, ки дар замони худ фикр ва мулоҳизаҳои худро роҷеъ ба мавзӯи мавриди таҳлил иброз кардаанд, хотира ва ёддоштҳои олимону муҳаққиқони рус ва хориҷа дар замони забти Осиёи Миёна аз тарафи Россия ва дар даврони

тобеияти аморати Бухоро ба Россия, осори олимон ва муҳаққиқони даврони шӯравӣ, пажӯҳишҳои олимони замони муосири Тоҷикистон ва бурун аз он мебошанд.

**Ҳадафи асосии таҳқиқоти илмӣ** омӯзиши вазъи лашкар ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ маҳсуб меёбад. Дар ҳамин асос ҳалли вазифаҳои тавсифи ҷараёни истилои бархе аз мулкҳои аморати Бухоро аз тарафи Россияи подшоҳӣ (солҳои 1865 - 1868), таҳлили маъхаз, маълумоти бойгонӣ ва адабиёти илмӣ роҷеъ ба авзои сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ, таҳқиқи масъалаҳо доир ба ташкили лашкари муназзам дар аморати Бухоро, муайян намудани анъана ва навовариҳо дар умури лашкардории аморати Бухоро, авсифи вазифа, унвонҳои ҳарбӣ, рутба ва уҳдадориҳои ҳарбиёни аморати Бухоро, омӯзиши тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ ба миён гузошта шудааст.

**Асоси методологии** таҳқиқотро усулҳои илмии ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ асосёфта ташкил медиҳад. Дар ин таҳқиқот аз усулҳои хронологӣ-сулолавӣ, системавӣ-муқоисавӣ, оморӣ, таҷдиди таърихӣ, усули умумии универсалӣ, баён, детерминизм, таҳлил ва усулҳои таҳқиқотие, ки олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар дар асарҳои худ истифода кардаанд, истифода гардидаанд.

**Навгонии тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки аввалин маротиба доир ба афкори ҳарбӣ ва низомии халқи тоҷик дар замони мавҷудияти аморати Бухоро, идора ва сохтори он, унвон ва амалҳои ҳарбӣ фикр ва мулоҳизаҳо баён гардидаанд, мақом ва иштироки мардуми тоҷикзабон дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шудааст, ба таври васеъ лашкар, қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар иртибот бо ҳолат, идора ва анъанаҳо мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** истилои аморат аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва ба тобеияти вассалии Россия ворид шудани аморати

Бухоро (солҳои 1865-1868) ҳамчун натиҷаи зиддияти ду давлати абарқудрат-Российи подшоҳӣ ва Британияи Кабир дар Осиёи Миёна, муфидии нигоҳ доштани тарзи давлатдории истибдодӣ ва низоми осиёмиёнагии монархистӣ аз ҳар ҷиҳат барои империяи Россия, ба лашкари муназзам соҳиб набудани амирони Бухоро, анъана ва навовариҳо дар таъминоти асбобу аслиҳаи ҷангии лашкари аморат чун такрори навовариҳо, усул ва низоми ҳарбии рус, ҷавобгӯи талабот набудани таъминоти моддии лашкари аморат дар замони тобеияти вассалӣ мебошанд.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии тадқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои онро дар ҷараёни таълифи китобҳои илмӣ роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик, манбаъшиносӣ ва китобҳои дарсӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва маводи иловагӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии донишгоҳҳо истифода бурдан мукин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиони**ро дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин инъикос ва тарзи истифодабарии маводҳои бойгонӣ таъмин менамоянд.

**Диссертатсия пояи васеи манбаъшиносӣ** дорад. Муаллифи аз осори Мирзо Бадеъи Девон, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Мирзо Салимбек, Садри Зиёи Бухорӣ, Садриддин Айнӣ, Абдурауф Фитрат, Мир Муҳаммад Сиддиқи Ҳашмат - писари амир Музаффар, Муҳаммад Сайиди Балҷувонӣ, Мир Муҳаммад Амини Бухорӣ, Муҳаммад Юсуфи Муншӣ, Муҳаммадвафои Карминагӣ, Олимбек ибни Ниёзқулибек, Бақохоҷа писари Ҳамидхоҷа, Мулло Абдурраҳмон Тамкини Бухорӣ, Муъин, Олимхоҷа ибни Мирзо Сайид Хоҷа Мушрифи Бухороӣ, Хоҷа Самандари Тирмизӣ истифода бурдааст. Ҳамчунин ба маводи Бойгонии марказии давлатии ҷумҳурии Ӯзбекистон, нусхаи электронии “Туркестанский сборник” рӯй оварда шудааст.

Рисола дар асоси таҳлил ва хулосабардорӣ аз маводи навтарини маъхаз ва адабиёти дастраси илмӣ навишта шуда, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯи сарчашмаҳо, адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия мубрамии мавзӯи тадқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсаду вазифаҳо, объекти таҳқиқот, ҳудуд ва хронологияи диссертатсия, пойгоҳи сарчашмашиносии тадқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии диссертатсия, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва қисмати асосии кори илмиро дарбар мегирад.

Дар қисмати асосии рисола мазмуни фишурдаи бобҳо ва зербобҳои диссертатсия оварда шудааст. Боби якуми диссертатсия **“Вазъи сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар давраи истило ва тобеи Россия гардидани он”** ном дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби якум **“Истилои ҳудудҳои аморати Бухоро аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва истиқрори тобеияти вассалӣ ба Россия (солҳои 1865-1868)”** масъалаҳои муносибатҳои сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро бо Россия, тайёр набудани амир Музаффар дар мубориза бар зидди Россияи подшоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Қайд мегардад, ки амир ба лашкар, қувваҳои ҳарбии худ ҳам эътиборро хеле кам дода буд. Маоши сардорони ҳарбӣ ва аскарон аз кам карда шуда буд. Шахсони дар умрашон ҳатто овози тири туфангро нашунида ва майдони ҷангро надида, саркарда таъин карда шуданд. Муаллиф ҷараёни забти ҳудудҳои Осиёи Миёна ва аморати Бухороро дар асоси маводи бойгонӣ, маълумотҳои муаллифони маҳаллӣ ва адабиёти илмӣ хеле муфассал таҳлил намудааст.

Зербоби дуюм “**Авзои сиёсӣ-ҳарбии аморат дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)**” номгузорӣ шудааст. Қайд шудааст, ки аз тарафи амир Музаффар пазируфта шудани мақоми вассалии империяи Россия сабаби норозигии як зумра ватанпарварони Бухоро гардид. Дар шароити вассалӣ ва мустамлакавӣ, инчунин ҳолати истисмори дучониба сатҳи зиндагии мардум паст шуда, ҳаёт хеле вазнин гашта буд. Дар натиҷа, дар солҳои 80-90 асри XIX зидди мансабдорон ва амалдорони золим баромади мусаллаҳонаи мардум мушоҳида мегардад. Сиёсати худсаронаи бек ва ҳокимони аз тарафи амир Музаффархон таъин шуда, набудани назорат аз болои фаъолияти онҳо ба чунин ҳолатҳои мураккаб оварда расонида буд.

Боби дуюми диссертатсия “**Ташкили лашкар ва хидмати ҳарбӣ дар аморати Бухоро: ҳолат ва идораи он**” аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якум “**Ташкили лашкари муназзам ва таъминоти он**” ба масъалаи ташкили артиши муназзам ва таъминоти он дар аморати Бухоро бахшида шудааст. Муаллиф қайд кардааст, ки дар солҳои аввали ба сари қудрат омадани сулолаи манғитиён аморат ба артиши муназзам соҳиб набуд. Теъдоди хеле ками ҳарбиён дар аморат ба ҳифзи амир ва аъёни ӯ ва таъмини осоиштагӣ дар шаҳрҳо машғул буданд. Дар вақти ҷанг ва юришҳо бо амри амир аз ҳисоби аҳолӣ лашкар ташкил дода, ба амалиётҳои ҳарбӣ ҷалб карда мешуд. Дар аморати Бухоро то аввали асри XIX лашкар тибқи қоида ва русуми лашкардории даврони темуриён тартиб дода шуда, ҳеҷ тағйиротеро аз сар нагузаронида буд. Вақти ба сарбозӣ қабул кардан навкар аз рӯи мансубияти қавмӣ ба дастаи қабилаи худ ба хизмат ҷалб карда мешуд. Чунин тақсимоти қавмии танзими артиш дар он замон дар хонигариҳои Хева ва Хӯқанд ҳам ҷорӣ буд. Муаллиф лашкари аморат ва хизмати ҳарбиро тибқи ахбори манобеъ ва адабиёти мавҷуда нишон додааст.

Зербоби дуюм “**Анъана ва навовариҳо дар таъминоти асбобу аслиҳаи ҷангӣ дар лашкари аморат**” ном гирифтааст. Дар давраи аввали

истиқрори ҳукумати сулолаи манғитиён дар Бухоро ва баъди устувор шудани протекторати Россия бар аморат, дар соҳаи яроқу аслиҳа, ҳолати ҷангии омодагии армияи Бухоро, таъминоти он тағйироти чашмрасе ба даст наомада буд. Ташкили лашкари нави ба талаботи замон ҷавобгӯ дар аморат дар замони амир Насруллоҳ (солҳои 40 асри XIX) оғоз шуда бошад ҳам, то ба охир нарасид. Гарчанд дар замони ин ҳукмдори ҳукумати марказӣ камтар қудратманд шуда бошад ҳам ба идораи лашкар низоми куҳнаро истифода менамуд. Баъди таслим шудани амир Музаффар ва истиқрори протекторати Россия дар лашкари амир тартиботеро монанд ба устави армияи Россия ҷорӣ карданӣ шуданд. Ҳатто устави ҳарбии Россияро барои амир ба тоҷикӣ тарҷума ҳам карданд. Амир Олимхон баъди ба сари тахт омадан дар идораи давлат ва танзими лашкар баъзе ислоҳотро ҷорӣ намуд. Ба андешаи диссертант анъана ва навовариҳо дар таъминоти асбобу аслиҳаи ҷангии лашкари аморат маҳорат ва омодагии ҷангии лашкари Бухороро баланд набардошт. Чун таъмини ҳифозати amoratро аз душманони хориҷӣ Россияи подшоҳӣ ба зиммаи худ гирифта буд, ислоҳоти лашкар ки вазифаи он аз пахш кардани ҳаракати халқӣ дар дохили кишвар иборат гашта буд, то дараҷае татбиқи худро намеёфт.

Боби сеюми диссертатсия **“Унвон, рутбаҳои ҳарбӣ ва таъмини моддии сарбозон”** ба ду зербоб тақсим шудааст. **Масъалаи асосии зербоби аввал** идораи лашкари аморат, вазифа, унвонҳо, дараҷаи ҳарбӣ ва уҳдадориҳои соҳибони он мебошад. Аморати Бухоро дар нисбати ду ҳамсояи худ Хева ва Хӯқанд каме пурқудрат маҳсуб шавад ҳам, лашкари он дар муқоиса бо артиши Россия ва давлатҳои Европа хеле ақибмонда, сарбозони ӯ бошанд, тамоман аз илми ҳарбӣ бехабар буданд. Унвон ва мансабҳои ҳарбӣ, дарборӣ ва қозихона дар аморат хеле зиёд буда, бо дараҷа ва вазифаҳои мутафовит, маҷбурият, тартиби таъйин ва маъзул аз онҳо фарқ мекарданд. Дар аксар ҳолат ин унвон ва мансабҳо чунон бо ҳам омехта шуда буданд, кадоме ҳарбӣ ва кадоме шаҳрвандӣ, дарборӣ ё амали қозихона будани он номаълум буд. Ба ақидаи муаллиф агар

бевосита перомуни унвон ва мансабҳои ҳарбӣ сухан равад гуфтан мумкин аст, ки онҳо ба аввали асри XX каму беш ба тартиб омада дараҷабандӣ шуда буд.

Зербоби дуюм **"Қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти моддии лашкари аморат дар замони тобеияти вассалӣ"** ном гирифтааст. Таъкид мегардад, ки сарбозони дар хизматбуда рӯзона ба хизмати аскарӣ омада, шабона ба хонаҳои худ мерафтанд. Ҳолати казармаҳо (сарбозхона)-и онҳо хеле бад буд. Афсарони бесаводи аз тактика ва стратегияи ҳарбӣ бехабар, маъмурони тавассути пайванди хешовандӣ ва ришва соҳиби унвон ва амалҳои ҳарбигашта, машқҳои ҳарбиро ҳам ба таври худ ва дар доираи фаҳмиши хеш мегузарониданд.

Дар қисмати ҷамъбастии рисолаи муаллифи рисола Б.С. Султонзода хулосахои мантиқӣ, вазифаҳои тадқиқотро барои оянда оварда, қайд менамояд, ки дар нимаи дуввуми садаи XIX новобаста ба хоҳиш ва талаби мардуми Осиёи Миёна ва аморат дар натиҷаи сиёсати истилогаронаи хориҷии империяи Россия аморати Бухоро ба вассали Россия табдил ёфта, минбаъд дар муддати даҳсолаҳо тақдири худро бо тақдири ин мамлакати бузурги пайваст намуд.

Дар шароити вассалӣ аморати Бухоро аз охири асри XIX нафақат дар сиёсати хориҷӣ, балки дар ҷабҳаҳои ҳаёти дохилӣ пойбанди империяи Россия буд. Россия ҳанӯз дар замони валиахд будани Абдулаҳад ӯро ба итоати худ дароварда, дар давраи ҳукмронии ин амири сустирода алоқаи стратегии худро бо Бухоро хеле вусъат бахшида буд. Дар танзими лашкардорӣ ва таъминоти ҳарбӣ ҳам, аморат аз доираи таъсири Россия набаромада, ба анъанаҳои собиқ содиқ буд. Охирин амири Бухоро Олимхон дар соҳаи ҳарбӣ баъзе ислоҳот ва навовариҳоро дар амал татбиқ намуд, аммо вазъияти сиёсии дунё ба ӯ барои тағйиротҳои ҷиддӣ имкон ва вақт надод.

Дар баробари ҷой доштани муваффақиятҳо дар кори илмӣ камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки дар чунин шакл баён намудан мумкин аст:

- барои мушаххастар шудани муҳимияти мавзӯи тадқиқшаванда ин қисмати рисола ба пунктҳои алоҳида тақсим кардан ба мақсад мувофиқ мебуд;

- осори таърихнигорони маҳаллӣ, ки дар замони худ фикр ва мулоҳизаҳои худро роҷеъ ба мавзӯи мавриди таҳлил иброз кардаанд, ҳамчунин хотира ва ёддоштҳои олимону муҳаққиқони рус ва хориҷа дар замони забти Осиёи Миёна аз тарафи Россия ва дар даврони тобеияти аморати Бухоро ба Россияро дар қисмати манбаъшиносии мавзӯъ баррасӣ кардан лозим буд;

- дар қисмати сарчашмаҳои тадқиқот муаллифони зиёд номбар шудаанд. Аммо номгӯи осори онҳо дар поварақ оварда нашудааст. Ҳамчунин дар бораи фондҳои бойгонӣ маълумоти умумӣ дода шудааст;

- ҳар як зербоб ва боби диссертатсия бояд хулосаи худро дошта бошанд. Муаллиф ин қоидаро риоя кардааст. Аммо дар баъзе мавридҳо хулосаҳо омехта шудаанд, яъне маълум нест, ки ин хулоса ба зербоб мансуб аст ё хулосаи умумии боб аст.

Камбудиҳои номбурда мазмунии асосии диссертатсияро таҳриф намекунанд ва ислоҳшаванда мебошанд. Автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад. Доир ба мавзӯъ 1 монография, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд.

Рисолаи диссертатсионӣ имкон медиҳад, хулоса карда шавад, ки таҳқиқоти ба ҳимоя тавсияшуда аз рӯи маводи истифодашуда, аз ҷумла манбаъҳои таърихӣ, адабиёти илмӣ ҳамчун тадқиқоти мустақил ва мукаммал дониста шавад, ки дар доираи он масъалаҳои мубрами илмие ҳаллу фасл гардида, барои таърихи халқи тоҷик аҳамияти калон дорад.

Хулоса, диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи “Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)” тибқи банди 53-и низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгу буда, муалллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, мудири**
**кафедраи таърихи умумии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров”** **Аюбов А.Р.**

20 январи соли 2023

**Имзои Аюбов А.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси МДТ “ДДХ ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров”** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1, МДТ “ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров”
тел.: (992-3422) 6-52-73
http: // www.hgu.tj, E-mail: rector@hgu.tj